ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

# НИЗОМНОМАИ
# КАФЕДРАИ ТАЪЛИМИ АСОСҲОИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНА

ДУШАНБЕ - 2021

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

**«Тасдиқ мекунам»**
Раиси Шӯрои олимон, ректори МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» д.и.т., профессор Гулзода М.К. ____________
«30» сентябри соли 2021

# НИЗОМНОМАИ

# КАФЕДРАИ ТАЪЛИМИ АСОСҲОИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНА

ДУШАНБЕ - 2021

## Мундарича

1. Муқаррароти умумӣ.....................................................3
2.Мақсад..........................................................................5
3.Сохтори кафедра... ....................................................5
4.Вазифаҳо.......................................................................6
5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои кафедраи ТАБК..............................8
6.Вазифаҳои мудири кафедраи ТАБК...................................9
7.Масъулияти кафедраи ТАБК.............................................11
8. Варақаи бақайдгирии тағйирот........................................11
9.Варақаи тасдиқ...............................................................12
10. Варақаи шиносоӣ..........................................................12
11. Эзоҳ ...............................................................................13

# 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ.

1. Низомномаи кафедраи таълими асосҳои бемориҳои кӯдаконаи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (минбаъд Низомнома) дар асоси Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оинномаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино», Қоидаҳои тартиботи меҳнатии дохилии МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино", Шартномаи коллективии байни КИКК ва Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Кафедра сохтори асосии таълимию илмии Донишгоҳ ба шумор рафта, фаъолияти худро дар самти корҳои таълимию методӣ, илмию тадқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалӣ дар мувофиқа ба Раёсати Донишгоҳ ба роҳ мемонад. Корҳои таълимию методӣ ва илмию тадқиқотии кафедра бояд ба самти асосии фаъолият ва нақшаи таълимии ихтисоси кафедраи ТАБК, ки омузонидани он аз ҷониби Донишгоҳ муқаррар карда шудааст, мутобиқат менамоянд.

3. Кафедра тибқи муқаррароти амалкунанда дар асоси қарори Шӯрои олимони МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино", бо фармоиши ректори донишгоҳ дар мувофиқа бо муассиса таъсис ё барҳам дода мешавад.

4. Кафедра дар асоси талаботҳои мавҷуд буда барои таъсис додани он ташкил карда шудааст.

5. Кафедраро мудир, ки номзадии ӯ аз ҳисоби ҳайати профессорону омӯзгорон ё шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ пешбарӣ бо тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳ ба муҳлати 5 сол интихоб карда мешавад ва роҳбарӣ менамояд.

6. Мудири кафедра дар асоси Низомномаи мазкур ва шартномаи меҳнатӣ аз ҷумла докторони илм ва номзадҳои илм ба вазифа интихоб карда мешавад.

7. Барои ишғоли вазифаи мудири кафедра дар озмун шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ иштирок карда метавонанд. Ҳуқуқи иштирок кардан дар озмун барои ишғоли вазифаи мудири кафедра танҳо ду муҳлат иҷозат дода мешавад.

8. Ректори МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино" баъд аз интихоби мудири кафедра бо ӯ шартномаи меҳнатӣ мебандад.

Натиҷаи иҷрои шартнома, инчунин фаъолияти мудири кафедра дар соли якум аз тарафи шӯъбаи кадрҳо ва комиссияи махсуси муқарризон (иборат аз 3 нафар), ки бо фармоиши ректори Донишгоҳ таъсис дода шудааст, мавриди санҷиш қарор дода шуда, дар Шӯрои олимон баррасӣ мегардад.

9. Интихоби мудири кафедра дар асоси озмун гузаронида мешавад.

10. Эълон дар бораи гузаронидани озмун барои ишғоли вазифаи мудири кафедра аз тарафи Донишгоҳ як моҳ пеш аз эълон дар васоити ахбори омма интишор карда мешавад:

– дар озмун номзадҳо мувофиқи ихтисос ва тахассусҳои кафедра иштирок карда метавонанд;

– номзади мудири кафедра интихоб мегардад, ки аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои дар Шӯрои олимони Донишгоҳ ширкат кардаро соҳиб шавад.

11. Мудири кафедраи ТАБК дар ҳолатҳои зерин аз вазифа хориҷ карда мешавад:

– иҷро накардани вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст;

– иҷро накардани талаботи шартномаи меҳнатӣ;

– манфӣ арзёбӣ гардидани фаъолияти кафедра;

– бо сабаби вазъи саломатӣ;

– ба синни нафақа расидан;

– бо хоҳиши худ;

– муқарраротӣ дигаре, ки Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунанда муайян намудааст.

12. Маҳдудияти синну солӣ ҳангоми интихоб ва аз вазифа озод намудани мудири кафедра тибқи талаботи Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешавад.

13. Фаъолияти кафедра тибқи нақшаҳои корие, ки иҷрои корҳои таълимию методӣ, илмию тадқиқотӣ, муолиҷавӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалиро дар бар гирифтааст, ба роҳ монда мешавад.

14. Масъалаҳои фаъолияти кафедра алоқаманд, рафти иҷрои нақшаҳо таҳти роҳбарии бевоситаи мудир дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор дода мешавад.

15. Дар ҷаласаҳои кафедра метавонанд профессорону омӯзгорон ва кормандоне, ки аз дигар кафедраҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаву ташкилотҳо даъват шудаанд, иштирок намоянд.

16. Дар кафедра бояд ҳуҷҷатҳои пурра мавҷуд бошанд, ки феҳристи онҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда муайян карда шуда, мундариҷа, усулҳои ташкил ва гузаронидани тамоми шаклҳои фаъолияти кафедраро инъикос намоянд.

17. Фаъолияти кафедра бояд дар самти тайёр намудани номзадон, докторони (PhD), докторони аз рӯйи ихтисос ва доктороне, ки дорои дониш ва маҳорату малакаи баланди касбии барои бомуваффақият фаъолият намудани онҳо зарур аст, ҳамчунин рушди қобилияти эҷодии донишҷӯ, қобилияти илмии аспирант, докторант(PhD), унвонҷӯ, ташаккули мавқеи шаҳрвандии онҳо.

18. Кафедра дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати маориф ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Оинномаи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», қарорҳои Шӯрои олимони МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ва Низомномаи мазкур фаъолияти менамояд.

## 2. МАҚСАДИ КАФЕДРАИ ТАЪЛИМИ АСОСҲОИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНА

19. Мақсади асосии кафедраи таълими асосҳои бемориҳои кӯдакона барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос - баланд бардоштани сифати таълим, корҳои таълимӣ –методӣ, илмӣ, муолиҷавӣ ва тарбиявӣ мебошад.

## 3. СОХТОРИ КАФЕДРА

20. Сохтор ва ҳайати кафедра ба ҳаҷми соатҳо ва хусусияти сарбории таълимӣ, корҳои илмӣ- тадқиқотӣ, тарбиявӣ ва муолиҷавӣ вобаста аст.

21. Ҷадвали воҳидҳои кории (штатӣ) кафедра тибқи талаботҳои мавҷуд буда, муқаррар гардида ва бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешавад.

22. Ӯҳдадориҳои вазифавии омӯзгорон ва кормандони кафедра тибқи дастурамалҳои вазифавие, ки аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ мегарданд, муайян карда мешавад.

23. Тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли вазифаи омӯзгорони кафедра мувофиқи тартиби муқараршуда « Муқаррарот дар бораи ишғол намудани ҷойҳои холии кафедраи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», гузаронида мешавад.

Ташкил намудани лабораторияҳои таълимӣ, илмӣ, кабинетҳои методӣ, фаннӣ, синфхонаҳои компютерӣ ва намояндагиҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва умумӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ таъсис дода шавад.
24. Ба кафедра вобаста ба ҳаҷми соатҳои таълимӣ ва мавҷуд будани зиёда аз 15 воҳидҳои корӣ метавонад аз тарафи раёсати донишгоҳ вазифаи муовини мудир ҷудо карда шавад.
25. Дар кафедра бо мақсади баррасии масъалаҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-тадкиқотӣ семинархо, маҳфилҳо ташкил карда мешаванд.
26. Ба ҳайати кафедра профессорон, дотсентон, муаллимони калон, ассистентҳо, муаллимҳои коромӯз, аспирантҳо, докторантон, ичунин кормандони дастгирии илмӣ дохил карда мешавад.

## 4. ВАЗИФАҲОИ КАФЕДРАИ ТАЪЛИМИ АСОСҲОИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНА

27. Дар кафедраи таълими асосҳои бемориҳои кӯдакона барои рушди касбӣ ва такмили ихтисос, омӯзонидани донишҷӯён бо хусусиятҳои анатомию физиологии организми кӯдакон, хусуятҳои асосии усулҳои муоинаи кӯдаки солим ва бемор дар синну соли гуногун бо семиотика ва синдроми асосии осеби узвҳо ва системаҳо, ғизо додани кӯдаки солим шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.
28. Кафедраи таълими асосҳои бемориҳои кӯдакона вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- тибқи нақшаҳои таълимии донишгоҳ ташкил ва гузаронидани дарсҳои лексионӣ, семинарӣ, амалӣ, лабораторӣ ва дигар намуди машғулиятҳои таълимӣ;
- роҳбарӣ ба корҳои таълимӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ташкил ва гузаронидани имтиҳону санҷишҳои ҷорӣ;
- ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ байни донишҷӯён;
- таҳия ва нашр намудани барномаҳои таълимӣ;
- навиштани тақриз ба барномаҳои таълимие, ки аз кафедраҳои дигар омода гардиданд;
- ба чоп омода сохтани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва дигар маводҳои методӣ, аёният ва ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ дар раванди таълим;

- якҷоя бо муовини ректор оид ба илм ва нашрия иштирок дар интихоби номзадҳо барои ишғоли вазифаҳои холӣ дар кафедра (комиссияи озмунӣ);
- ташкил намудани конфронсҳои таълимию методӣ;
- дастгирӣ намудан ва ёрии методӣ расонидан ба омӯзгорони ҷавон ва камтаҷриба дар роҳи такмил додани маҳорати педагогии онҳо;
- баррасии нақшаву барномаҳои инфродии таълимӣ, илмӣ, методӣ ва корҳои тарбиявии устодон ва кормандони кафедра;
- таҳия ва баррасии чорабиниҳо оид ба истифодаи маводҳои муосири таълимӣ ҳангоми машғулиятҳои амалӣ ва назариявӣ.

29. Фаъолияти илмии кафедра:

- ба роҳ мондани корҳои илмию методӣ дар асоси нақшаҳои тасдиқшуда;
- роҳбарӣ ба корҳои илмию тадқиқотии донишҷӯён ва дар ташкилу гузаронидани конфронсҳои илмию назариявӣ;
- муҳокимаи корҳои илмию тадқиқотӣ ва татбиқи онҳо дар амалия;
- ба нашр тавсия намудани таълифоти анҷомёфта;
- назорати ҷараёни тайёр намудани докторон, аспирантон, унвонҷӯён ва такмили тахассуси илмии омӯзгорони кафедра

30. Фаъолияти хоҷагидории кафедраи таълими асосҳои бемориҳои кӯдакона:

- донишгоҳ кафедраро барои фаъолияти кормандонаш бо ҳуҷраҳо, дастгоҳҳо, лавозимотҳои таълимӣ ва ғайраҳо таъмин менамояд;
- дар мӯҳлатҳои муайяншуда гузаронидани таъмири ҷорӣ ва капиталии ҳуҷраҳои кафедраҳо, ки бо мақсади таълимию педагогӣ ва илмию тадқиқотӣ истифода карда мешаванд;
- назорат ва хизматрасонӣ бо мақсади таъмини сифати ҷараёни таълим ва тадқиқот;
- маъмурияти донишгоҳ якҷоя бо роҳбарони кафедраҳо иҷроиши қоидаҳои бехатарии техникӣ, ҳифзи меҳнатӣ ва бехатарии зиддисӯхториро таъмин менамояд.

31. Фаъолияти муоличавии кафедра:

- ташкили корҳои муоличавӣ ва ташхисӣ тибқи нақшаи дар кафедра тасдиқшуда;
- гузаронидани конфронсҳои пагоҳирӯзӣ дар масъалаҳои муҳимми бемориҳои соматикии кӯдакона;
- аз ҷониби мудири кафедра, профессорон ва дотсентон бо иштироки донишҷӯён машварати мунтазами клиникии беморон дар шуъбаҳои соматикии кӯдаконаи бинои 7-уми МД «Маҷмааи тандурустии Истиқлол», ки заминаи клиникии кафедра мебошад, гузаронида мешавад;
- ҷорӣ ва истифодаи дурусти усулҳои муосири ташхис ва табобати бемороне, ки ба духтури атфол муроҷиат мекунанд;
- фароҳам овардани шароит барои донишҷӯён барои аз худ кардани малакаҳои амалии бемориҳои кӯдакона;
- пешниҳоди машварати тиббӣ ба муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе;
- ташкил ва пешбурди коре, ки ба густариши муносибатҳои кафедра бо корхонаҳои истеҳсолии муассисаҳои таълимии илмӣ ва расонидани кӯмаки амалӣ ба онҳо дар таълим ва бозомӯзии кадрҳо, татбиқ ва экспертизаи тадқиқоти илмӣ.

## 5. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИИ КАФЕДРАИ ТАЪЛИМИ АСОСҲОИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНА

32. Дастрас намудани маълумот аз зерсохторҳои донишгоҳ оид ба ташкили раванди таълим ва мушкилотҳо вобаста ба масъалаҳои фаъолияти кафедра.

33. Ташкили корҳо дар самти тайёр намудан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ-педагогӣ.

34. Омӯзиш, пуррагардонӣ ва паҳн намудани таҷрибаи кории омӯзгорони собиқадор, расонидани ёрии амалӣ ба омӯзгорони ҷавон барои дарсазхудкунии маҳорати педагогӣ.

35. Муҳокимаи корҳои хатми бакалаврҳо, рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ аз рӯйи ихтисос аъзои кафедра ё шахсоне, ки аз номи роҳбарияти донишгоҳ ба кафедра равон карда шудааст.

36. Барраси намудани масъалаҳо вобаста ба фаъолияти кафедра тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
37. Иштирок дар Шӯрои олимон, Шӯроҳои илмӣ-методии факултет ва ҷаласаҳои кафедраҳои дигари Донишгоҳ.

## 6.ВАЗИФАҲОИ МУДИРИ КАФЕДРАИ ТАЪЛИМИ АСОСҲОИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНА

38. Мудири кафедра вазифадор аст:

– иштирок ва муҳокима намудани масъалаҳо вобаста ба фаъолияти кафедра дар ҷаласаҳои Донишгоҳ;

– тартиб додани нақшаҳои кории кафедра;

– гузаронидани маҷлисҳо ва ҷаласаҳои истеҳсолии кафедра;

-ташкил кардани маҳфилҳо, комиссияҳои методӣ, семинарҳои илмию методӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳо вобаста ба масъалаҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии дар кафедра;

– муаррифӣ намудани пешниҳодҳо дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ва донишгоҳ ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба накшаҳои таълимӣ, нақшаҳои кории ихтисосҳои амалкунанда ва масъалаҳои ба самтҳои фаъолияти кафедра алоқаманд;

– тасдиқ намудани нақшаҳои таквимии кафедра, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ (силлабус) ва тақризҳои кафедра;

– тақсимоти сарбории таълимӣ байни кормандони кафедра ва дигар вазифаҳо;

– ҳангоми ҷой доштани зарурияти истеҳсолӣ вазифаи муовини мудири кафедра ва роҳбари маҳфилро дар асоси ҷамъиятӣ ташкил карда мешавад;

– сифат ва иҷрои саривақтии сарбории таълимӣ, уҳдадориҳои вазифавӣ, гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотиро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра назорат карда мешавад;

– пешниҳод намудани ба ректори донишгоҳ бо тартиби муқарраршуда масъалаҳои қабул кардан ба кор, озод кардан аз кор, додани мукофот ва ҷазои интизомии кормандон;

- мутобиқи талаботи татбиқшаванда пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои омӯзгорон ва кормандон барои ба кор қабул кардан;

- муроҷиат намудани ба мудири кафедра ва маъмурияти донишгоҳ барои пешниҳоди мукофот ё ҷазо додани ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон;

– бо мақсади самаранок ташкил намудан ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ, илмию тадқиқотии аз тарафи ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони кафедра, талаб намудан аз роҳбарони сохторҳои дахлдори донишгоҳ таҷҳизотҳои моддию техникии кафедра, таъминнотнокӣ бо таҷҳизотҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

– пешниҳод намудани масъалаҳои барои такмил додани раванди таълим, ташкил намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ва донишгоҳ;

–талаб кардан аз ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони кафедра риояи қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳ, интизоми меҳнатӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ ва истифодаи самараноки захираҳои таъминкунандаи фаъолияти кафедра.

## 7. МАСЪУЛИЯТИ КАФЕДРАИ ТАЪЛИМИ АСОСҲОИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНА

39. Ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра ӯҳдадоранд, ки фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва Низомномаи донишгоҳ ва фармоишҳои ректор ба роҳ монанд.

40. Мудири кафедра барои ташкил намудани фаъолияти кафедра ӯҳда дорад, ки нақшагирӣ ва ташкили раванди таълим, ба роҳ мондани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ, фаъолияти байналмилалии кафедра, интизоми меҳнатӣ ба роҳбарият ҳисобот диҳад.

41. Ӯҳдадориҳои мудири кафедра, ҳайати профессорону омузгорон ва дигар кормандон, ки дар кафедра дохил мешавад, инчунин коргарони ёрирасони илмӣ-таълимӣ аз тарафи мудири кафедра ва ректори донишгоҳ тасдиқшуда тибқи дастурамалҳои вазифавии «Тавсифи корӣ барои кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» муайян карда мешавад.

## 8. Варақаи бақайдгирии тағйирот

| № п/п | Асос барои ворид намудани тағйирот | Рақами саҳифа | Шарҳи мухтасари тағйирот | Санаи ворид-шавӣ | Ному насаб, имзо, тағйироти беруна |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

## 9. Варақаи тасдиқ

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи тасдиқ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ - методӣ | Ибодзода С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба корҳои илм ва нашрия | Мухаббатзода Ҷ.К. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | Қурбонбекова П.К. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ | Қобилов Ҷ.К. | | |
| 5. | Муовини ректор оид ба корҳои хоҷагидорӣ | Хокироев Т.З. | | |
| 6. | Сардори Хадамоти ректор | Носирӣ К.Н. | | |
| 7. | Сардори раёсати рушди кадрӣ | Абдуллозода С.М. | | |
| 8. | Сардори шӯъбаи назорати ҳуқуқӣ | Саидзода Ҷ.З. | | |

## 10. Варақаи шиносоӣ

| № | Вазифаҳо | Ному насаб | Санаи шиносоӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Декани факултети педиатрӣ | Усманова Г.М. | | |
| 2. | Декани факултети тиббӣ | Ходжаева Н.М. | | |
| 3. | Декани факултети фармасевтӣ | Саидзода Б.И. | | |
| 4. | Декани факултети стоматологӣ | Юлдошева У.П. | | |
| 5. | Декани факултети тибби профилактикӣ | Мирзоев Х.М. | | |
| 6. | Маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудзода Ҳ.Р. | | |

## Эзоҳ:

Кафедра дар асоси нақшаи корӣ ҳар моҳ як маротиба ҷаласа мегузаронад.

Дар ҳолати набудани мудири кафедра вазифаи мудири кафедраро яке аз устодони ботаҷрибаи кафедра иҷро мекунад.

Барои навиштани рисолаҳои номзадӣ, докторӣ, навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ омӯзгорони кафедра метавонанд ба муддати се моҳ ва шаш моҳ ба рухсатии эҷодӣ бароянд.

Фаъолияти ҳамасолаи кормандони кафедра бо роҳи анкетагузаронӣ байни донишҷӯён аз тарафи муовинони ректор ва зерсохторҳои донишгоҳ гузаронида мешавад. Ҳангоми иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои вазифавӣ, корманд тибқи қонунҳои таҳиягардидаи Низомномаи мазкур ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Низомнома дар ҷаласаи кафедраи таълими асосҳои бемориҳои кӯдакона дида баромада шуд.

Протоколи №1 аз 28 августи соли 2021.